**Дастурамал**

**Оиди пур намудани ҳисоботи омории шакли №1-ФХД (семоҳа)**

**«Ҳисобот дар бораи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ»**

Ҳисоботи омории шакли №1-ФХД «Ҳисобот дар бораи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ»-ро хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мақомоти омори ноҳия аз рӯи маҳаллӣ ҷойгирифтаашон як сол чор маротиба бо ҷамъи афзоянда ба санаи 1 –уми апрел (ҷамъбасти семоҳаи якуми соли ҳисоботӣ), 1 - уми июл (ҷамъбасти нимсолаи якуми соли ҳисоботӣ), 1-уми октябр (ҷамъбасти нӯҳ моҳи соли ҳисоботӣ) ва ба 1-уми январ (ҷамъбасти соли сипаришуда) -ро бо усули электронӣ аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда пешниҳод мекунанд.

Хоҷагиҳои деҳқоние, ки чорво ва паранда парвариш мекунанда дар алоҳидагӣ ҳисоботи омории шакли 24- кишоварзӣ (моҳона ва солонаро) бо усули электронӣ дар муҳлатҳои муайяншуда пешниҳод менамоянд.

Хусусияти хоси ин шакли ҳисобот дар он аст, ки ба ивази як чанд шаклҳои ҳисоботҳои омории соаи кишоварзӣ, ки аз ҷониби хоҷагиҳоиҷамъиятӣ пешниҳод мегардад аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамаи ин ҳисоботҳо якҷоя гардида дар як шакли ҳисоботӣ пешниҳод мегардад дар баробари ин дар асоси ҳисоботи мазкур маълумоти гендерӣ ба инобат гирифта шудааст, яъне хоҷагиҳои деҳқониро аз рӯи ҷинс мард ва ё зан ташкил кардааст ба ҳисоб гирифта мешаванд ва аз рӯи ин нишондиҳанда ҳиссаи занҳоро дар роҳбарии хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян менамоянд.

**<u>Фасли 1.</u>**

«Ҳамаи заминҳои кишоварзӣ». Дар ин фасл миқдори замини ба хоҷагиҳои деҳқонӣ мувофиқи сертификати истифодабарии замин, ки Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, пур карда мешавад. Заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба он дохил намешавад. Аз ҷумла дар сатри 01 «Ҳамаи заминҳои кишоварзӣ» сатри 04 «Чарогоҳ» ва сатри 07 «Токзор» нишон дода шуда, дар сутуни аввал ҳамаи заминҳо ва дар сутуни дигар аз ҷумла заминҳои обёршаванда дарҷ мегардад.

**<u>Фасли 2</u>**

«Майдони кишт, майдони ҷамъоваришуда, ҷамъоварии ҳосил, аз ҷумла майдони кишт ва ҷамъоварии ҳосил аз заминҳои обӣ, кишти байни қаторҳо (боғот), майдони кишт ва ҷамъоварии ҳосил аз гармхонаҳо, ғайр аз он кишти зироатҳои такрорӣ ва истифодаи нуриҳо дар давоми сол. Сутуни А, «Номгӯи зироатҳо», номгӯй тамоми зироатҳое, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ кишт мекунанд дар бар мегирад. Сатри 01, «Зироатҳои ғалладонаи тирамоҳӣ»-ро дар бар гирифта: аз ҷумла дар сатри 02 гандум, 03 ҷав ва дар

сатри 04 ҷавдор алоҳида нишон дода мешавад. Дар сатри 05 «Зироати ғалладона ва лӯбиёи баҳорӣ (бе ҷуворимакка)» нишон дода мешавад ва ҷамъи сатрҳои 06-9-ро дар бар мегирад. Сатри 10 бошад, нишондиҳандаҳои ҳамаи зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳории ғалладона ва лӯбиёиро таҷассум менамояд».

Дар сатри 24 «Зироатҳои техникӣ» дарҷ гашта, сатрҳои 25, 27 – 38-ро ҷамъбаст менамояд. Дар сатрҳои 25, 27, 28 асосан растаниҳои техникии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмул (пахта, зағир, тамоку) сабт гаштааст. Дар сурати дар хоҷагӣ кишт шудани дигар намуди зироати техникӣ дар сатри 38 «Дигар зироатҳои техникӣ (сиёҳдона ва ғайраҳо)» сабт мегардад. Дар сатри 39 «Маълумот дар бораи картошка ҷамъбаст мегардад».

Дар сатри 40 «Маълумот оиди сабзаводкорӣ, ҳамагӣ» умуман ва аз сатрҳои 41 то 52 намудҳои алоҳидаи сабзавот ва дар сатри 53 дигар намуди сабзавотҳо ҷамъбаст мегардад. Дар сатри 54 «Маълумот оиди сабзавоти тухмӣ» ҷамъбаст карда мешавад. Дар сатри 55 «Маълумот оиди зироатҳои полизии озуқаворӣ» оварда мешавад. Сатри 58 бошад ҷамъи нишондиҳандаҳои картошка, сабзавот ва зироатҳои полизии озуқаворӣ ҷамъбаст карда мешавад.

Дар сатри 59 ҷамъи зироатҳои хӯроки чорворо дар бар гирифта сатрҳои 60 – 63-ро ҷамъбаст менамояд.

Сатри 65 ҷамъи майдони киштро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нишон дода, бояд баробари ҳосили ҷамъи сатрҳои 23+24+54+58+59 бошад.

## <u>Фасли 3</u>

Дар фасли 3-юм нишондиҳандаҳои боғҳо, буттамеваҳо ва токзорҳо пур карда мешавад.

Дар сатри 66 нишондиҳандаҳои боғу буттамева ҳамагӣ, бо намудҳои гуногуни меваҳо (тухмдор, донакдор, ситрусӣ, дигар меваҳо)-ро дар бар гирифта сатрҳои 67, 71, 78, 83, 88 ва 91-ро ҷамъбаст менамояд.

Дар сатри 66 а аз ҷумла боғҳои интенсивӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 97 нишондиҳандаҳои тутзор ва истеҳсоли тут ва сатри 98 бошад, токзор ва истеҳсоли ангурро дар бар мегирад.

Дар сатрҳои тут ва ангур аз ҷумла тутзорҳои интенсивӣ ва токзорҳои интенсивӣ аз шумораи умуми алоҳида нишон дод мешавад.

Дар сутунҳои қисмати боғу токпарварӣ дар баробари нишон додани гектар шумораи дарахтони шинондашуда низ нишон дода мешавад.

Ҳисоб намудани миқдори дарахтон дар майдони боғу токзорҳо шинондашуда бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад.

Масофаи байни қатори боғҳо гуногун буда, вобаста ба хоси минтақаҳо ва схемаҳои қабулшуда шинонида мешаванд.

Барои мисол дар сурате, ки агар масофаи байни ниҳолҳо 4 бар 3- ро ташкил диҳад пас 4*3=12 аз ин маълум мешавад, ки дар масоҳати 12 метри квадрати 1 ниҳол шинонда шудааст, барои дар 1 гектар ҳисоб намудани шумораи ниҳолҳо масоҳати умумии 1 гектар, ки 10 ҳазор квадратро ташкил медиҳад ба адаи 12 тақсим намуда, шумораи ниҳолҳои шинонидашударо муайян менамоем.

10000 / 12=833 – маълум гардид, ки дар сурати масофаи байни қаторҳо 4 бар 3 будан дар 1 гектар майдони боғу токзорҳо 833 ниҳол шинонида шудааст.

Дар мавриди масофаи байни қаторҳои 4 бар 2 будан; яъне 4*2=8 шумораи ниҳолҳои шинонидашуда 1250 ададро ташкил медиҳад.

10000 / 8=1250

Бо ҳамин усул аз руи масофаи байни ниҳоли дар қаторҳо шинонидашуда шумораи умумии ниҳолҳои дар як гектар шинонидашуда муайян карда мешавад.

Агар дар хоҷагӣ дар як қитъа дарахтҳои гуногун бошад, (мисол, тухмдор ва донакдор) пас бо роҳи гузаронидани шумораи ин намуд дарахтон ба истифодабарии нормаи дарахтшинонӣ дар 1 га муайян карда мешавад.

Масалан: Дар хоҷагӣ боғи омехта тухмдору донакдор дар замини 2 га мавҷуд аст. Дар асл дар боғ 1500 дарахти тухмдор ва 1000 дарахти донакдор. Барои ҳамин хоҷагӣ аз рӯи схемаи ниҳолшинонӣ дар як га тухмдор 1250 ва донакдор 1250 ниҳол қабул карда шудааст.

Тақсим намудани 2 га замин ин тавр гузаронида мешавад: замини боғ аз рӯи нормаи миёнаи ниҳолшинонӣ дар як га муайян карда мешавад.

2500 / 1250 = 2,0 га

1500 / 1250 = 1,20 га ва 1000 / 1250 =0,80 га

Аз руи натиҷаи бадастомада маълум гардид, ки 1500 дарахти меваи тухмдор 1 гектару 20 сотих ва 1000 дарахти меваи донакдор 80 сотихро ташкил медиҳад.

Дар сутунҳои қисмати соҳаи растанипарварӣ рақамҳои сутуни 1 – майдони киштшуда бо ҳисоби гектар, сутуни 2 – майдони ҷамъоваришуда бо гектар, дар сутуни 3- ҷамъоварии умумии ҳосил ба ҳисоби сентнер нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои чоруму панҷум аз ҷумла аз заминҳои обӣ майдони ҷамъоваришуда ва ҷамъоварии ҳосил. Сутунҳои 6 ва 7 майдони ҷамъоваришуда ва ҷамъоварии ҳосили кишти байни қаторҳои боғу токзорҳо. Дар сутунҳои 8 ва 9-ум майдон ва ҷамъоварии ҳосил аз гармхонаҳо. Сутунҳои 10 ва 11 бошад, маълумот дар бораи кишти такрорӣ,

майдони кишт ва ҷамъи ҳосил бо гектар ва сентнер нишон дода мешавад. Дар сутунҳои 12 ва 13-ум миқдори истифодаи нуриҳо дар давоми сол бо сентнер нишон дода мешавад.

**Фасли 4**

«Техникаи мавҷудаи кишоварзӣ»

Дар сутуни «Шумораи техника» шумораи ҳама намуди тракторҳо, автомобилҳои боркаш, комбайнҳои ғалладарав ва алафдарав, достҳои тракторӣ, тухмипошакҳои тракторӣ, испору култиваторҳои тракторӣ нишон дода мешавад, новобаста аз он, ки онҳо коршоямaнд ё не. Дар сутуни дуюм аз он ҷумла техникаи коршоям бо якҷоягии техникаи наве, ки ҳоло кор фармуда нашудааст нишон дода мешавад. Дар сатри алоҳида сӯзишвории воридшуда аз аввали сол ва бақияи он дар санаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Дар сутунҳо рамзи сатр, хариди техникаи нав, шумораи техника ва аз ҷумла, техникаи коршоям дарҷ карда мешаванд.

Сатрҳои 1-13 шумораи техникаи кишоварзӣ, автомобилҳои боркаш, комбайнҳои ғалладарав, досҳои тракторӣ, комбайнҳои алафдарав, тухмипошакҳои тракторӣ, испорҳои тракторӣ, култиваторҳо, агрегати картошкашинонак, агрегати картошкаковак, агрегатҳои қувваи насос ва ҳаракатдиҳанда, агрегатҳои ғаллакубак ва тавонои бо қувваи асп – ҳамагӣ ҷамъбаст карда мешавад.

**Фасли 5**

«Сӯзишвории воридшуда ва мавҷудбуда»-ро дар бар мегирад. Сутуни А номгӯи сӯзишвориҳо, сутуни Б рамзи сатрҳо, сутуни 1 – аз аввали сол ворид шуд бо ҷамъи афзоянда ва сутуни 3 – дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбуда (боқимонда) дарҷ карда мешаванд.

Сатрҳои 1-3 сӯзишвории дизелӣ, бензин ва газ ҷамъбаст карда мешавад.

**Фасли 6**

«Нишондиҳандаҳои меҳнат»

Дар сатри 01 шумораи умумии кормандон, сатри 02 - ашхоси ҷалбшуда ба кироякорӣ, дар сатри 03 – шахсони ҷалбшудаи мавсимӣ, 03а аз ҷумла шахсони ҷалбшуда барои пахтакорӣ, дар сатри 04 – дар як сол онҳо кор карданд, ба ҳисоби шумораи рӯз нишон дода мешавад. Дар сатри 07 - фонди ҳисоб кардашудаи музди меҳнат ба ҳисоби сомонӣ нишон дода мешавад, дар сатри 07а аз ҷумла барои шахсони ҷалбшудаи соҳаи пахтакорӣ, дар сатри 08 – шумораи ашхосе, ки дар хоҷагӣ бе музд кор кардааст (ҳамроҳи худи роҳбари хоҷагӣ бо аъзоёни оилаи худ) ва дар сатри

09 шумораи рӯзи кории онҳо дар давоми як сол нишон дода мешавад. Дар сатри 10 ҷамъи сатрҳои 01+08 ва дар 11 ҷамъи сатрҳои 04+09 нишон дода мешаванд.

**Фасли 7**

Дар фасли мазкур Бунёди боғу токзорҳои нав дар бар гирифта мешавад. Сутуни А – нишондиҳандаҳо, сутуни Б – рамзи сатрҳо, сутуни 1 – ҳамагӣ бо гектар ва шумораи ниҳоли шинонидашуда, сутуни 2 аз ҷумла дар заминҳои лалмӣ бо гектар ва шумораи ниҳоли шинонидашуда дарҷ карда мешаванд.

Сатрҳои 1-11 ниҳолҳои бисёрсола – ҳамагӣ ҷамъи (сатрҳои 2, 8, 11), сатри 2 – бунёди боғҳои нав (сатрҳои 3+4+5+6+7 (меваҳои тухмдор, донакдор, чормағзмевагиҳо, субтропикӣ ва ситрусӣ), сатри 8 – бунёди токзорҳои нав, сатри 9 – барқароркунии боғҳо, сатри 10 – барқароркунии токзорҳо, сатри 11 – тутзорҳо ва сатри 12 – ниҳолҳои тут шинонда шуд бо ченаки ҳазор ниҳол ҷамъбаст карда мешавад.

Инчунин дар сатҳои 2а, 8а ва 11а аз ҷумла бунёди боғу токзор ва тутзорҳои интенсивӣ дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.

**Фасли 8**

«Дар бораи тухмии мавҷудаи намуди зироатҳои кишоварзӣ»-ро дар бар мегирад. Сутуни А – нишондиҳандаҳо, сутуни Б – рамзи сатрҳо, сутуни 1 –тухмии мавҷудбуда бо ченаки сентнер дарҷ карда мешаванд.

Сатрҳои 01-14 ҳамаи ғалладонагиҳо ва лӯбиёгиҳо (бе ҷуворимакка ва фонди суғурта (ҷамъи сатрҳои 02-08)) – ҳамагӣ, аз ҷумла, (сатрҳои 02 - 08), сатри 02 – гандум, сатрҳои 03 – ҷав, 04 – тритикалӣ, 05 – ҷавдор, 06 – ҷавсар, 07 – шолӣ, 08 – лӯбиёгиҳо, сатри 09 – ҷуворимакка барои дон, сатри 10 – картошка, сатри 11 – сабзавот, сатри 12 – полизӣ, сатри 13 – чигити тухмӣ ва сатри 14 – ғайр аз фонди суғурта тухмии зироатҳои ғалладона (бе ҷуворимакка) мавҷуд аст ҷамъбаст карда мешавад.

Барои ҳисоб намудани истеҳсоли зироатҳои хӯроки чорво бо воҳиди хӯрока аз коэффисентҳои зерин истифода намудан мумкин аст.

Дар як килограм вазни алафҳои қоқи саҳрой:

-воҳиди хӯрока…………………………………..-0,22 грамм,

-беда……………………………………………-0,42 грамм,

-тарбеда………………………………………..-0,35 грамм,

-силос…………………………………………..-0,20 грамм,

-ҷавсар ………………………………………… -1,0 грамм.

Тартиби гузаронидани хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока чунин аст:

1) хасбедаи алафҳои табиӣ ва корам *0,46

2) тарбеда*0,32
3) хасу хошоки зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ, коҳреза. *0,25
4) бехмеваҳои хӯроки чорво*0,22
5) силос *0,18

Ҳисобот дар бораи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии шакли №1-ФХД (фаврӣ-моҳона).

Ҳисоботи мазкурро хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мақомотҳои омори маҳаллӣ ҷойгирифтаашон дар муҳлатҳои дар шакли ҳисоботи оморӣ овардашуда пешниҳод мекунанд.

Ҳисоботи мазкур аз қисмҳои алоҳида иборат буда, дар мӯҳлатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- захираи тухмӣ: (1-январ, 1-феврал, 1-август, 1-сентябр, 1-октябр, 1-ноябр, 1- декабр);
- ҷамъоварии ҳосил (аз ҷумла аз кишти такрорӣ) санаи ҳар моҳ;
- ҳолати чорводорӣ (санаи ҳар моҳ);
- ҳолати техникаи кишоварзӣ (ҳар моҳ );
- кишти зироатҳои баҳорӣ (1-март, 1- апрел, 1- май, 1-июн);
- рафти алафдаравӣ ва захираи хошок (санаи 1-уми моҳҳои июн-декабр);
- кишти барвақтӣ (санаи 1-уми моҳҳои октябр-декабр).

Тартиби пур намудани ин ҳисобот дар бобҳои алоҳидаи дастурамали мазкур оварда шудааст.

Хусусияти хоси ин ҳисобот дар он аст, ки чанд шакли ҳисоботро ба худ таҷассум менамояд ва дар ҳолати бетағйир мондани як нишондиҳанда дар моҳи дигар ҳамон рақам такроран нишон дода мешавад. Масалан, агар кишти зироатҳои баҳорӣ дар замини ба хоҷагии деҳқонӣ вобасташуда дар моҳи март тамом шуда бошад, пас дар ҳисоботи моҳҳои апрел ва май он нишондиҳанда бетағйир мемонад ва дар ҳисоботи ҷамъбастӣ №4-кишоварзӣ ба санаи 1-уми июн «Ҳисоботи ҷамъбастӣ бораи кишти ҳосили соли ҷорӣ» нишон дода мешавад.

Ҳисобот бо имзои роҳбари хоҷагии деҳқонӣ дар муҳлатҳои муайяншуда ба мақомоти омори ноҳия (шаҳр) пешниҳод карда мешавад ва шахси имзокунанда барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои дар ҳисобот ва дар муҳлати муайяншуда пешниҳод кардани он ҷавобгар аст.